# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи **А**ҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих.

1. Муҳимтарин омили муайянкунандаи дарки мансубият ба ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ, ҷомеа, ҳудуд ё миллат ин ҳофизаи таърихӣ мебошад. Аз ин рӯ, ташаккул додани ҳофизаи таърихӣ яке аз вазифаҳои асосӣ ва афзалиятноки таҳсилот ба ҳисоб меравад. Аммо барои ташаккул додани ин омил истифодаи воситаҳои педагогӣ корбурди технологияҳои иҷтимоии таъсиррасон ба раванди таҳсилот зарур мебошад.

Ташаккули хотираи таърихӣ дар хонандагон дар шароити муосири раванди таълим, таҳлили амиқу бодиққат ва ҷорӣ намудани роҳу усулҳои инноватсиониро тақозо менамояд. Вобаста ба ин, муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки «ҷанбаи муҳим ҷалби хонандагон ба фаҳмиши фаъоли рӯйдодҳои таърихӣ тавассути нигоҳи таҳлилӣ ва тафаккури интиқодӣ мебошад. Ин на танҳо ба дарки амиқи таърих мусоидат мекунад, балки малакаҳои таҳлили иттилоотро, ки дар ҷаҳони имрӯза муҳим аст, инкишоф медиҳад».

Таҳаввулоти густурдаи ҷомеаи иттилоотии муосир, ки хоси он рушди арзишҳои гуманистӣ ва эҷоди фазои маърифатӣ мебошад.

Маҳз дар ҳамин замина маҳорати таҳқиқотии **А**ҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад, ки масъалаи стратегӣ – ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон бо рӯшанбинӣ таҳқиқ намудааст, саривақтӣ, муҳим ва дорои арзиши баланди назариявию амалӣ арзёбӣ мегардад.

Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Мутобиқати мавзуъ ба ихтисос. Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда пурра ба ихтисоси эълоншуда мувофиқ мебошад. Тадқиқоти мазкур ба масъалаи назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ дар таҳсилоти миёнаи умумӣ дахл дошта, ҳалли яке аз мушкилоти мубрами соҳаи маориф – ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагонро тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ дар раванди омӯзиши фанни таърих ба мақсад дорад.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих), аз он ҷумла: ба банди 1. Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (1.1. - Методологияи таълими фанҳои ҷомеашиносӣ; 1.2. Арзиш ва ҳадафҳои таълим) ва банди 2. Назария ва методикаи тарбияи хонандагон дар раванди таълими фанҳои ҷамъиятӣ (муайян намудани ҳадафҳои тарбияи хонандагон мутобиқи

вазъияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодии муосири рушди ҷомеа) мутобиқат дорад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода намуда, дар 13 номгӯйи мақолаҳои илмӣ, ки 5 номгӯйи он дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳрести тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 номгӯйи мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидааст мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути интихоб ва татбиқи дурусти усулҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, мувофиқати онҳо ба ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, риояи принсипҳои пайдарҳамӣ ва мантиқии таҳқиқ, ҳамзамон бо такя ба таҷрибаи воқеии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таъмин гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни озмоишҳои педагогӣ санҷида шуда, бо маълумоти муқоисавии пеш аз озмоиш ва баъд аз он муқоиса гардидаанд. Хулосаҳо ва далелҳои пешниҳодшуда бо таҳлили мундариҷаи таҷрибаи амалии омӯзгорон ва мушоҳидаҳои мустақим тасдиқ ёфта, ба меъёрҳои илмии эътирофшуда мутобиқ мебошанд. Раванди тадқиқот аз ҷиҳати методологӣ асоснок буда, устувории натиҷаҳо тавассути такроршавии онҳо дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот таъмин гардидааст.

6. Диссертатсияи **А**ҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Давлатзода Ҷамила – доктор илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Разоқов Хуршед Сохибназарович – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов ва ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи **А**ҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Давлатзода Ҷамила – доктор илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Разоқов Хуршед Сохибназарович – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Лутфуллозода М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Шербоев С.

номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

**«30» июли соли 2026.**

*"Имзои М. Лутфуллозода, С. Шербоев ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории Академияи таҳсилоти Тоҷикистон* *М. Саидова*